**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти Кумита оид ба беҳгардонии меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗК)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум - ибтидои солҳои 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Рисолаи диссертатсионии Файззода Р.Х. натиҷаи таҳқиқоти илмӣ-тахассусие мебошад, ки ба масъалаҳои мубрами таърихи ташкил, сохтор ва соҳаи фаъолияти Кумита оид ба беҳгардонии меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБМ МКЗК) ва фаъолияти КБММ коргарзанон ва занони кишоварз оид ба хизматрсониҳои меҳнати занон зимни корҳои кишоварзӣ бахшида шудааст. Дар натиҷаи хулосаву пешниҳодот ва навгониҳои дар автореферат қайднамудаи муаллиф бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур бо тахассуси 07.00.02 – таърихи ватанӣ комилан мувофиқат мекунад.

Мавзуи рисолаи номзадии Файззода Р.Х. воқеан яке аз масъалаҳои мубрами таърихи ватанӣ буда, аввалан камомӯхташуда ва сониян рӯзмарра ба шумор меравад. Нақши КБММ коргарзанон ва занони кишоварз дар омодасозии кадрҳои занон ва фаъоилияти КБММ коргарзанон ва занони кишоварз оид ба корҳои мадани-маишӣ байни коргарзанон яке аз соҳаҳои муҳими илму фарҳанг ба шумор меравад, ки барои пешравии ҷомеа нақши аввалиндараҷа мебозад.

Муаллифи рисола дар автореферати худ комилан дуруст қайд менамояд, ки муҳиммият ва мубрамияти омӯзиши ташкил, сохтор ва соҳаи фаъолияти Кумита оид ба беҳгардонии меҳнат ва маишати коргарзанон аз аҳамияти таърихии он равандҳое доро мебошад, ки имрӯз дар ҷомеаи мо, бахусус дар соҳаи таърихнигорӣ ҷараён доранд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқотро муаллиф дуруст ҷамъбаст кардааст, ки маводи рисоларо ҳангоми таҳияи васоити таълимӣ, курси махсус, маводи лексионӣ оид ба таърихи навтарини халқи тоҷик ва таърихи ташкил, сохтор ва соҳаи фаъолияти Кумита оид ба беҳгардонии меҳнат ва маишати коргарзанон истифода бурдан мумкин аст. Маводе, ки дар рисола ғунҷонида шудаанд, ҳангоми таҳияи монографияҳо, нашрияҳои энсиклопедӣ оид ба таърихи Тоҷикистон дар маҷмӯъ ва алалхусус таърихи ташкил, сохтор ва соҳаи фаъолияти Кумита оид ба беҳгардонии меҳнат ва маишати коргарзанон зарурӣ мегарданд.

Мавзуи пешниҳодшавандаи кори дисертатсионӣ аз рӯи ном ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар таърихнигории тоҷик мутлақо нав ва дар қаламрави ИҶШС таҳқиқнаёфта мебошад. Матни пешниҳодшаванда норасоиҳои мавҷударо дар омӯзиши масъалаи занон дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри XX пурра месозад.

Дар доираи гуфтаҳои боло аввалин маротиба дар таърихнигории ватанӣ, яке аз ташкилотҳои занон – Комиссия ва Комитет оид ба беҳгардонии шароити меҳнат ва маишати меҳнаткашзанон ва коргарзанони Тоҷикистон омӯхта мешавад, таърихӣ раванд ва рушди КБММ-и ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст, фаъолияти серпаҳлӯи КБММ оид ба ҷалби занон ба тарзи фаъоли ҳаёт пайгирӣ карда шудааст, ҳамкориҳои шохаҳои ҳокимият ва сохторҳои ҳокимият дар ҳалли масъалаҳои иқтидори занон дар ҷомеа таҳлил гардидааст ва нақши занон дар сохторҳои иҷтимоии ҷомеа ошкор карда шудааст.

Аз автореферати рисолаи диссертатсионии Файззода Рамазон Хурсанд маълум аст, ки ӯ дар мавзуи «Фаъолияти Кумита оид ба беҳгардонии меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗК)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум - ибтидои солҳои 30-юми асри XX» тадқиқоти илмӣ-тахассусиеро анҷом додааст. Шарҳи автореферат ба се забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ) арзиши назарӣ ва амалии онро инъикос мекунад. Ниҳоят гуфтан

мумкин аст, ки кори таҳқиқоти Файззода Р.Х. ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ мебошад.

**Декани факултети таърих ва ҳуқуқи**
**Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи**
**давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев",**
**номзади илмҳои таърих,**
**и.в. дотсент:** **Мамадсалимов Насим Абдулазизович**

Имзои номзади илмҳои таърих, и.в. дотсент
Мамадсалимов Н.А.. - ро тасдиқ мекунам:

Сардори РК, коргузорӣ ва КМ МДТ
"ДДХ ба номи М. Назаршоев": Саидраҳмонов Н.С.

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хоруғ, кӯчаи Ш. Шоҳтемур 109,
МДТ "ДДХ ба номи М. Назаршоев",
тел.: (83222) 2- 45-79, (83222) 2-22-48
E-mail: ksu.khorog@ mail.ru